# 12 Таҳияи кадастри миллии партобҳои антропогенӣ аз манбаъҳо ва ҷазби газҳои парникӣ тавассути ҷазбкунандаҳо

## 12.1. МАЪЛУМОТИ ҲИСОБОТИ ОМОРИ ДАВЛАТӢ, КИ ДАР ТАҲИЯИ КАДАСТР ВА МАСЪАЛАҲОИ ОШКОРШУДА ИСТИФОДА МЕШАВАНД

Имрӯз дар кишвари мо 237 шакли ҳисоботи марказонидашудаи ҳамаи соҳаҳо ва бахшҳои иқтисоди вуҷуд дорад. Давра, мӯҳлат ва шаклҳои омори давлатиро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ ва маблағгузорӣ менамояд.

Дар Тоҷикистон системаи ҳисоботдиҳӣ дар бораи муҳити зист дар сатҳи давлат ва идораҳо ташкил шудааст. Шаклҳои дахлдори ҳисобот бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон № 500 аз 29 декабри соли 2000 тасдиқ шудааст.

Кумитаи давлатии омор, Вазорати ҳифзи табиат ва воҳидҳои он моликони асосии маълумот дар бораи муҳити зист мебошанд.

Шакли ҳисоботи 2-КС дарбаргирандаи маълумоти сармоягузории асосӣ ба ҳифзи муҳити зист ва истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ мебошад. Дар ин ҷо маълумот дар бораи чорабиниҳое, ки дар чорчӯби корхонаҳои тоза сохташуда ва ҳамчунин корхонаҳои амалкунанда амалӣ мегардад, дарҷ шудааст.

Шакли ҳисоботи 2-ТП ҳаво (ҳифозати ҳавои атмосфера) - партоб ҳо аз корхонаҳои саноатӣ, энергетикӣ ва нақлиётро дар бар мегирад. Ин санадро ҳар сол вазорату идораҳои ҷумҳурӣ тайёр мекунанд, ки маълумоти марбут ба манбаъҳои олудагиовари собит ва миқдори моддаҳои олудагиовари ҷазбшаванда, утилизатсияшаванда ва ба ҳавои атмосферӣ аз рӯи ингредиентҳо партобшавандаро шомил аст. Усулҳои миллии ҳисобу китоби партоб и моддаҳои олудагиовар ба атмосфера бо методи байналмилалӣ фарқ мекунад, бинобар ин маълумоти марбут ба миқдор ва таркиби партоб ҳо хеле кам нишон дода шудаанд. Санад маълумоти партоб и газҳои парникиро дар бар намегирад. Ҳамчунин дар ин ҷо маълумоти марбут ба манбаъҳои ҳаракаткунандаи олудагӣ ба шумули нақлиёти автомобилӣ вуҷуд надорад.

Ҳисоботи 2-ТП ҳаво (ҳифзи захираҳои об) - истифодаи захираҳои об, партоби моддаҳои олудагиовар аз корхонаҳои саноатӣ ва ғаждобаҳои маиширо нишон медиҳад. Ҳисоботи мазкур аз соли 1996 инҷониб сурат нагирифтааст.

Дар бахши энергетикӣ шакли ҳисоботи солонаи 6-ТП дар бораи кори энергетикаи обӣ ва энергетикаи ҳароратӣ, 23-Н (дохилӣ) ва шакли солонаи ҳисоботи 24-«Энергетика» доир ба мувозинати барқи иқтисоди ҷумҳурӣ, иқтидорҳои энергетикӣ, баркрасӣ ташкил шудааст. Мувозинати ҳароратӣ-энергетикӣ 11 сол аст, ки тартиб дода намешавад. Шаклҳои 3-СН, 4-СН, 11-СН ва замимаҳои онҳо масъалаи захираҳои сӯзишвории истеъмолкунандагон ва таъминкунандагон, бақия ва сарфи сӯзишворӣ, мавод, натиҷаҳои истифодаи сӯзишворӣ, энергияи ҳароратӣ ва энергияи электрикиро дар бар мегирад. Оид

ба навъҳои сӯзишворӣ шаклҳои ҳисоботи 1-ТеП доир ба таъмини энергияи ҳароратӣ, 1-ГАЗ доир ба истифодаи газ ҷорӣ карда шудааст.

Дар бахши нақлиёт шакли ҳисоботи солонаи 1ТРШОС - доир ба кори нақлиёти автомобилӣ ва шаклҳои 11-СН ва 1-КФ к11-СН - доир ба истифодаи сӯзишворӣ, энергияи ҳароратӣ ва энергияи электрикӣ ташкил шудааст.

Дар бахши саноат шаклҳои ҳисоботи ҳармоҳа 1-П, 3-П ва шаклҳои ҳисоботи солонаи 29-АПК, 1-КМЧП доир ба истеҳсоли маҳсулот ва ғайра ташкил шудааст.

Шаклҳои 9-Сх, 29-Сх маълумоти марбут ба корбурди нуриҳои минералӣ, ҷамъоварии ниҳоии маҳсули зироатҳо дар ҷамъбасти солро дарбар мегиранд. Шаклҳои 24-Сх ва 7-Сх маълумоти вазъияти чорводорӣ, саршумори чорвои дари хонаро дар бар мегиранд. Шакли ҳисоботи марбут ба шоликорӣ 7-Сх буда, маълумоти марбут ба масоҳати шолизорро дар бар мегирад. Шаклҳои 1-заг, 3-заг, 7-заг, 8-заг, 9-заг, 11-заг ва 21-заг аз вазъияти таҳияи тамоми намудҳои маҳсулоти хоҷагии қишлоқ, аз қабили растанипарварӣ ва чорводорӣ хабар медиҳанд. Нишондодҳои вазъияти молиявии хоҷагӣ, мавҷудияти маводи сӯзишворию молиданӣ (МСМ) ва техникаи кишоварзӣ, вазъияти хоҷагиҳои деҳқонӣ дар шаклҳои 8-Сх, 6-мех, 1-фермер, 1-Хн ва 2-Хн инъикос меёбад.

Доир ба захираҳои ҷангал шакли ҳисоботи моҳонаи 1-ЛХ «Ҳисоботи иҷрои кор», ҳисоботи солонаи 3-ЛХ «Ҳисоботи бурриши мувозибатӣ ва корҳои санитарии ҷангал», 5-ЛХ «Наботот ва ҳайвонот» барои ҳисобу китоби наботот ва ҳайвонот дар маҳдудаҳои табиии ҳифозати хос ҷорӣ шудааст.

Масоҳати заминҳои истифодашуда дар шакли 4-Сх нишон дода мешавад. Дар ҳисоботи соҳавии марбут ба захираҳои замин нишондиҳандаҳое дохил карда шудаанд, ки таркиби фонди замин, вазъи сифатии замин, заминҳоеро, ки дар он кори беҳсозии замин сурат гирифтааст, намудор месозанд.

Баҳисобгирии ташаккул ва ҷобаҷосозии партобҳои сахти маишӣ ва низ партовҳои хоҷагии қишлоқ анҷом намегирад. Дар ҷараёни иҷрои инвентаризатсия ва таҳияи кадастри миллии партобҳои антропогенӣ аз манбаъҳо ва ҷазби ҳамаи газҳои парникӣ тавассути ҷазбкунандаҳо дар давраи солҳои 1990-1998 камбудиҳое дар системаи оморгирии марбут ба набудани баъзе маълумоти доир ба фаъолият ва низ аниқию дақиқии онҳо, ошкор гардид. Дар тамоми шаклҳои ҳисоботи ҷоришуда маълумоти омории партоби газҳои парникӣ вуҷуд надорад.

Масъалаи асосӣ дар маълумоти оморӣ ҳамоно вуҷуд надоштани маълумоти мувозинати энергетикии иқтисод чӣ бар ҳасби секторҳои истеъмол ва чи аз рӯи намудҳои сӯзишворӣ ба шумор меравад. Ин кори тайёр кардани кадастри газҳои парникиро дар бахши «Фаъолияти энергетикӣ» хеле душвор месозад ва боиси афзоиши номуайяниҳо дар ҳисобу китоб мегардад ва ин дар ҳолест, ки фаъолияти марбут ба истеҳсол ва истеъмоли сӯзишворӣ калонтарин манбаи партоб и газҳои парникӣ ва прекурсорҳои онҳо дар кишвар маҳсуб мешавад.

Коршиносон зарурати такмили шаклҳои амалкунандаи ҳисобот ва ҷорӣ намудани шаклҳои нав ё алтернативиро барои боло бурдани сифат ва пуррагии инвентаризатсия ҳангоми тартибдиҳии минбаъдаи кадастри партоби газҳои

парникӣ бар асоси мунтазам ҳамон гуна, ки дар Конвенсияи Меъёрӣ таъкид шудааст, хотирнишон сохтаанд.

Ба ин сабаб зарурати таҳия ва татбиқи тадбирҳо барои ҳаллу фасли масъалаҳои дар боло зикршуда вуҷуд дорад.

Дар Нақшаи миллии фаъолият самтҳои афзалиятноки тадбирҳое, ки аз тарафи Вазорату идораҳои ҷумҳурӣ тавсия шудаанд, нишон дода шудааст. Тадбирҳои дигар мумкин аст ба муносибати пайдо шудани талаботи нав ва такмили усулҳои миллию байналмилалии муҳосибаи партоб и атропогенӣ ва ҷазби газҳои парникӣ таҳия ва амалӣ гарданд.

## 12.2.ҶОРӢ КАРДАНИ АМАЛИЯИ ДОИМИИ ТАҲИЯИ КАДАСТР

Барои иҷрои ӯҳдадориҳо аз рӯи Конвенсияи Меъёрӣ, аз ҷумла таҳия ва пешниҳод кардани кадастр барои баррасии Конференсияи Тарафҳо, Ҳукумат иҷрои иқдомоти зерро дар назар гирифтааст:

- такмили асоси меъёрию ҳуқуқӣ дар робита бо таҳияи кадастри партоби антропогенӣ аз манбаъҳо ва ҷазби тамоми газҳои парникӣ тавассути ҷазбкунандаҳо;
- дар доираи сохтори институтсионалии мавҷуда ташкил намудани воҳиди таҳиякунандаи кадастр;
- такмил ва яксонсозии системаи асноди омори давлатие, ки дар таҳияи кадастр, дар чорчӯбаи тадбирҳои ҳамин Нақшаи миллии фаъолият истифода мешаванд;
- пайдо кардани имконият барои корбурди муносибу боистаи усули байналмилалии муҳосибаи партоб и газҳои парникӣ, аз ҷумла тарҷумаи ин усул ба забонҳои маҳаллӣ ва таълими истифодаи онҳо ба коршиносон;
- таҷдиди назар кардан дар методикаи миллии муҳосиба ва меъёрҳои партоб бо мақсади мувофиқ сохтани онҳо бо талаботи ГБКТИ;
- ташкил кардани манбаи маълумоти марбут ба манбаъҳо, ҳаҷм ва ингредиентҳои партоб и газҳои парникӣ ва газҳои дигар дар қолаби қобили муқоиса;
- ба вуҷуд овардани шароити муносиб барои интихоб ва ҷалби коршиносони варзида барои бахшҳои кадастр;
- таъмини сатҳи лозими маблағгузории фаъолияти марбут ба таҳияи кадастр;
- ташкили омӯзиш ва бозомузии мутахассисон ва мубодилаи таҷриба барои беҳсозии сифати таҳияи кадастр.

## 12.3. ОМӮЗИШИ ОМИЛҲОИ МАҲАЛЛИИ ПАРТОБҲО

Дар ҷараёни иҷрои барӯйхатгирии миллӣ коршиносон баъзе номувофиқатии омилҳои минтақавии эмиссияро, ки ГБКТИ барои бахшҳои ҷудогона тавсия гардида буд, бо шароити маҳаллӣ ошкор намуданд, ки он ба муаррифии кадастр дар сатҳи байналмилалӣ таъсир мерасонад. Дар Тоҷикистон собиқан таҳқиқу муҳосибаи партоби газҳои парникӣ аз манбаъҳои антропогенӣ ва ҷазбкунандаҳо анҷом нагирифта буд, бо ин сабаб аст, ки дараҷаи баланди номуайянӣ дар бораи омилҳои эмиссия дар бахшҳои ҷудогона вуҷуд дорад.

Самтҳои зерини татбиқи тадбирҳо мумкин аст дар марҳалаи оғозин барои омӯхтани омилҳои маҳаллии эмиссия муайян карда шаванд:

- таҳқиқи илмии ҷараёнҳои табиии антропогении таъсиркунанда ба эмиссияи газҳои парникӣ;
- андозагирии инструменталӣ ва мониторинги партобҳои газҳои парникӣ, ба хусус аз манбаъҳои калони партоб ;
- арёзбии коршиносонаи омилҳои маҳаллии эмиссия ва ҳамкории байналмилалӣ барои яксонсозии натиҷаҳои бадастомада бо натиҷаҳои минтақавӣ.

<u>Бахшҳои афзалиятноки омӯзиши омилҳои эмиссионӣ иборатанд аз:</u>

- истеҳсоли алюминий (партоби перфторидҳои карбон);
- нақлиёт (партоби газҳои парникӣ ва прекурсорҳои онҳо);
- чорводорӣ (ферментатсияи дарунӣ ва истифодаи пору);
- растанипарварӣ (хокҳои зироатӣ ва парвариши шолӣ);
- хоҷагии ҷангал (тағйирёбии захираҳо ва ҳаҷми ҷамъшавии карбон дар ҷангалҳо ва биомассаи дигар);
- заминистифодабарӣ (тағйирёбии захираи карбон дар хок);
- партобҳо (партобҳои сахти маишӣ ва ғаждоба);
- шабакаҳои нафту газ ва истихроҷи ангишт (партобҳои фугитивӣ).

## 12.4. ҶАМЪОВАРИИ МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ ЧОРААНДЕШИҲО

Дар марҳалаи кунунӣ кадастри миллии партобҳои антропогенӣ аз манбаъҳо ва ҷазби газҳои парникӣ тавассути ҷазбкунандаҳо иттилооти марбут ба чораандешӣ ҷиҳати маҳдудсозии партоб и моддаҳои олудагиовар ба ҳаворо дар бар намегирад. Ва ин сабабҳои объективӣ дорад:

- вуҷуд надоштани талабот ва камтаҷрибагӣ дар ҷамъоварӣ ва арзёбии якчунин иттилоот аз таъсири системаҳои пештар вуҷуддоштаи баҳисобгирии партобҳо;
- вуҷуд надоштани шаклу қоида, тартиб ва системаи ягонаи огоҳсозӣ аз чораандешиҳо;
- вуҷуд надоштани органи ҳамоҳангсозанда ва асоси институтсионалии ҷамъоварию таҳлили иттилооти дахлдор;
- бераъбатии иқтисодӣ дар сатҳи вазоратҳо, идораҳо ва бахши хусусӣ нисбат ба огоҳсозӣ аз чораандешиҳо.

Бо дарназардошти аҳамияти ахбори марбут ба чораандешӣ барои мақсадҳои барномарезии давлатӣ ва пешниҳод ба Котиботи Конвенсияи Меъёрӣ зарур аст:

- шакл, қоида ва тартиби ягонаи пешниҳоди маълумоти марбут ба чораандешӣ барои маҳдудсозии партоб бо назардошти хусусиятҳои миллӣ ва талаботи Конвенсияи Меъёрӣ таҳия гардад;
- як мақоми босалоҳияти ҳамоҳангсоз дар кори ҷамъоварӣ ва таҳлили маълумоти дахлдор ва паҳн кардани он таъсис шавад;
- системаи ҳавасмандкунии иқтисодии вазоратҳову идораҳое, ки чораандешӣ барои маҳдудсозии партобҳоро эълом дошта ва шакл, қоида ва тартиби ягонаи пешниҳод кардани маълумотро ба кор мебарад, таҳия гардад;

- вазоратҳову идораҳо вазифадор карда шаванд, ки мувофиқи шаклу қоида ва тартиби ягонаи таҳияшуда дар бораи чораандешиҳои марбут ба маҳдудсозии партоби газҳои парникӣ хабар диҳанд;
- самарабахшии чораҳои мазкур дар таҳияи кадастри миллӣ ва сенарияҳои партоби газҳои парникӣ (ГП) дар назар гирифта шавад.

## 12.5. ҲАЛЛИ МАСЪАЛАИ МУҚОИСАШАВАНДАГӢ ВА БЕҲСОЗИИ СИФАТИ МАЪЛУМОТ

Таҳлили экспертӣ нишон дод, ки дар амалияи кунунии тартиб додани кадастри миллӣ проблемаи муқоисашавандагии маълумоти пешниҳодшуда, аз ҷумла маълумоти дар санадҳои оморӣ омада ба сабаби фарқ доштани воҳидҳои андозагирӣ ва коэффитсиентҳои ҳисобу китоб ҷой дорад.

Шарти муҳими тайёр кардани кадастри миллӣ ҳамоно истифода бурдани маълумот дар бораи фаъолияти дорои сифати баланд аст. Дар баъзе маълумоти аввалия омилҳои номуайяние вуҷуд доранд, ки ба ҳадди баланде расида ва ба натиҷаҳои барӯйхатгирӣ таъсир мерасонанд ва ин амр дақиқсозии минбаъдаи онҳо ва пешниҳоди ахборро дар бораи маълумоти аввалия ва коэффитсиентҳои номуайянии мутобиқи онҳоро талаб мекунад.

Барои беҳтар кардани сифати маълумоти аввалия ва муқоисашавандагии он дар сатҳи санадҳои омории давлатӣ ва соҳавӣ иҷрои корҳои зер лозим аст:

- яксонсозии воҳидҳои андозагирӣ ва коэффитсиентҳои ҳисобу китоб мутобиқи тавсияҳои ГБКТИ то дараҷае, ки чорчӯби қонунҳо ва меъёрҳои амалкунанда имкон медиҳад;
- дар тамоми сатҳҳои ҷамъоварии маълумоти аввалия арзёбӣ кардани сифату эътимоднокии онҳо бо истифода аз методҳои математикии таҷзияву таҳлил;
- таъмин кардани дақиқияти баланди таҷзия ва таҳлили маълумот ва сатҳи муносиби пешниҳоди ниҳоии он;
- дар назар гирифтани ниёзмандиҳои минтақа ба таъминоти моддию техникӣ ва маблағгузории фаъолиятҳои марбут ба ҷамъоварӣ ва таҳлили маълумоти аввалия дар шароити хоси инкишофи иқтисодии минтақаҳо ва вазъияти ҷуғрофии онҳо;
- баланд бардоштани сатҳу дараҷаи маҳорати мутахассисони масъули ҷамъоварӣ ва таҳлили муқаддамотии маълумот.

## 12.6. МУБОДИЛАИ МАЪЛУМОТ ДАР МИНТАҚАҲО ВА ҲАМКОРӢ БО МАРКАЗҲОИ ҶАҲОНИИ ИТТИЛООТ

Муқоиса кардани маълумоти барӯйхатгирии миллӣ бо манбаъҳои байналмилалии иттилоот тафовути нишондиҳандаҳои миқдории хоси партобҳо ва фарогирии бахшҳои мавриди баррасиро нишон дод. Сабаби ин:

- истифодаи манбаъҳои гуногуни маълумоте аст, ки аксаран дар сатҳи байналмилалӣ ҷамъбасти хубтар ёфтааст;
- фарогирии ноқиси категорияҳои сарчашмаҳои партоби ГП;
- ба кор бурдани омилҳои маҳаллии партоб, ки бо омилҳои минтақавӣ ва ғайра, ки ГБКТИ тавсия намудааст, мутобиқат намекунанд.

Барои таъмини якрангии равиши методологӣ, истифодаи манбаъҳои муносиби иттилоот ва муқоисашавандагии беҳтари маълумоти барӯйхатгирии миллӣ бо маълумоти марказҳои ҷаҳонӣ оид ба муҳосибаи партоби газҳои парникӣ татбиқи тадбирҳои асосии зерин бо мақсад мувофиқ аст:

- беҳсозии мубодилаи минтақавии иттилоот бо марказҳои миллии марбут ба тағйирёбии иқлим, ки ба таҳияи кадастр машғуланд ва инкишоф додани диалоги байни коршиносон дар бахшҳои дахлдор;
- пешниҳод кардани кадастри навшуда, агар чунин шуда бошад, ва маълумоти нав, ба маҳзи пайдо шудани он, доир ба партоби газҳои парникӣ дар ҷумҳурӣ ба Котиботи Конвенсияи Меъёрӣ дар қолаби электронии якҷояи тавсиянамудаи ГБКТИ барои Тарафҳои дохилнашуда ба Замимаи 1 Конвенсияи мазкур;
- васеъ намудани ҳамкорӣ бо марказҳои ҷаҳонии маълумот, аз қабили Котиботи Конвенсияи Меъёрӣ, Агентии байналмилалии энергетикӣ, Институти захираҳои ҷаҳонӣ, Маркази ҷаҳонии таҳлили партоб и $CO_2$ дар бораи масъалаҳои мавриди таваҷҷӯҳи мутақобил;
- таълим додани коршиносони миллии ба таҳияи кадастр машғулбуда дар марказҳои ҷаҳонии маълумот.

# З А М И М А Ҳ О

Замимаи 1.

Тарҳи тадбирҳои марбут ба коҳиши оқибатҳои тағйирёбии иқлим

Тавсифи тарҳи тадбирҳо

Чорабиниҳои Нақшаи миллии фаъолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон оиди ба паст намудани оқибатҳои тағйирёбии иқлим бо иҷрои дар сатҳи давлатӣ, бо дарназаргирии хусусиятҳои соҳаҳои гуногуни минтақаҳои алоҳида нишон дода шуда, бо иҷрои Конвенсияи Меъёрӣ ва комёбшавӣ ба инкишофи устувори ҷумҳурӣ равона гардидааст.

Тарҳи ифодакунандаи доираҳои Нақшаи миллии фаъолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон оиди ба паст намудани оқибатҳои тағйирёбии иқлим мебошад, ва асосан дар он амалиёт оиди мустаҳкам намудани иқтидор дар соҳаҳои дахлдор ва чораҳои техникӣ инъикос мегардад.

Чорабиниҳое, ки бо нуқтаи назари паст намудани оқибатҳои тағйирёбии иқлим самараҳои назаррас намедиҳанд, вале ба беҳтар фаҳмидани ҷараёнҳои тағйирёбии иқлим, мушоҳидаҳои доимӣ, бохабарии ҷамъият ва ба бо ҳисобгирии партобҳои газҳои парникӣ бо намуди самти амалии консептуалӣ пешниҳод гардиданд.

Тарҳ аз 2 қисм иборат мебошад: (1) чорабиниҳо оиди паст намудани партобҳои газҳои парникӣ ва беҳтар намудани ҳолати табиии фурӯбарандаҳои карбон ва (2) чорабиниҳо оиди ба мувоффиқкунонӣ бо тағйирёбии иқлим ва бартараф намудани оқибатҳои нохуши он.

Чораҳои пешниҳодгардида дар асоси коркардҳои пешқадам ва афзалиятноки экспертони миллӣ, ҳуҷҷатҳои методологии ГБКТИ ва қарорҳои Конвенсияи Меъёрӣ ҷамъ оварда шудаанд. Афзалиятнокии иқтисодӣ, иқтидори паст намудани партобҳои газҳои парникӣ (ҷамъшавии карбон) ва беҳтар намудани имкониятҳои хусусиятноки мувоффиқкунонии объекти муоинашаванда ё ин ки соҳаро дар бар мегирад.

Манфиатҳои истеҳсолотӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва экологӣ ҳамчунин нишондодҳои асосии комёбшавӣ ба натиҷаҳои чорабиниҳои коркардашуда мебошанд.

Чораҳои дар тарҳи овардашуда ба рақам мондан дар асоси пайдарҳамии қисмҳои дахлдори Нақшаҳои миллӣ фаъолият нишон дода шудаанд. Ҳаммонандии соҳаҳо (ОР, ЭҲБ ва ҳоказо) гузошта шудааст, ки дар он иҷрои чорабиниҳо ба нақша гирифта шудааст ва ҳамчунин индексҳои бо рақам (1,2,3 ва ғайра), ки он намуди чорабиниро ифода мекунад, нишон дода шудааст. Аббревиатура (калимаҳои мухтасаре, ки ихтисор карда шудаанд) дар поён оварда шудааст.

Дар таркиби тарҳи қисми «Номгӯи чорабиниҳо» ки самти асосӣ ё ин ки мақсади чорабинӣ нишон дода шудааст, дохил мебошад. Қисми «Тавсиф ва таъмини чорабиниҳо» давраҳои асосӣ ва намуди фаъолиятро дар чорчӯбаи чорабинии дахлдор муайян менамояд. Дар қисми «Натиҷаҳои чашмдошт» маҷмӯъи натиҷаҳое, ки ба иҷроиши чорабиниҳо ба амал меоянд, ва ҳамчунин самараи назаррас бо амалигардонии чорабинӣ ва манфиатҳои иловагӣ пешниҳод гардидааст.

Дар қисми «Маблағгузорӣ ва иҷро» манбаъҳои имконпазир ва механизми маблағгузории иҷрои чорабиниҳо аз он ҷумла аз ҳисоби: (i) маблағҳои буҷҷетӣ, (ii) ғайрибуҷҷетии ҳифзи табиат, (iii) қабули технология ва инвеститсия, (iv) механизмҳои маблағгузории байналмилалӣ оиди иҷроиши Конвенсияи Меъёрӣ ва (v) воситаҳои дохилӣ.

Восита бо ваколат ва функсияи ташкилотҳои давлатӣ ё ин ки дигар субъектҳои фаъолияти хоҷагӣ дар қисми «Иҷрокунандагони масъул» ташкилотҳое, ки ба зиммаи онҳо иҷроиш ва ё ин ки баҳои самарабахши чорабиниҳои Нақшаи миллии фаъолияти гузошта шудааст, муайян карда шудаанд.

Мӯҳлати чорабиниҳо вобаста ба муҳим будани он, мавчуд будани воситаҳои лозима ва ҳаҷми чорабиниҳои иҷрошаванда муайян карда шудааст. Дар давраи якуми иҷрои ӯҳдадории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба Конвенсияи Меъёрӣ бо мӯҳлати то соли 2010 маҳдуд гардидааст. Дар натиҷаи муайян намудани мӯҳлати чорабиниҳо тайёркунандагони Нақшаи миллии фаъолият ҳаминро ба назар гирифтаанд, ки дар натиҷаи комёбиҳои нав ба нав дар соҳаҳои илм, техника ва иқтисодиёт ба вуҷуд меоянд, ба миён омадани талабот ба мукаммалгардонии чорабиниҳо, дар коркарди чорабиниҳои нав пайдо мегардад.

Аббревиатура ва индексҳое, ки дар тарҳи Нақшаи миллии фаъолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба паст гардонидани тағйирёбиҳои иқлим истифода шудаанд:

Намуди чорабинӣ:
1 - Танзим;
2 - Техникӣ;
3 - Омӯзиш;
4 - Намоишӣ;
5 - Ӯҳдадории ихтиёрӣ;
6 - Тадқиқотӣ;
7 - Комплексӣ;
8 - Ахборотӣ;
9 - Байнисоҳавӣ;

Маблағгузорӣ ва иҷро:
i - Маблағҳои буҷҷетӣ;
ii - Маблағҳои ғайрибуҷҷетии ҳифзи табиат (ҳисоби ҷаримаҳо, Пардохтҳои истифодабарии табиат ва дигар воситаҳои пулии ҳифзи табиат);
iii - Қабули технология ва инвеститсия;
iv - Механизмҳои маблағгузории байналмилалии иҷроиши Конвенсияи Меъёрӣ (Механизми Рушди холис, Фонди карбон, амалигардонидании барномаҳои Фонди экологии ҷаҳонӣ, грантҳо);
v - Маблағҳои дохилӣ (ӯҳдадориҳои ихтиёрӣ ё ин ки дигар воситаҳо).

Соҳаҳои чорабиниҳо оиди паст гардидани партобҳои газҳои парникӣ ва беҳтар гардидани ҳолати табиии фурӯбарандагони карбон:

| | | |
|---|---|---|
| ЭҲБ | - | Энергетикаи ҳароратӣ ва барқӣ; |
| НГ | - | Нафту газ; |
| ИА | - | Истихроҷи ангиштсанг; |
| СС | - | Саноат ва сохтмон; |

БН - Бахши нақлиёт;
БМ - Бахши манзил;
СК - Соҳаи кишоварзӣ;
ЗҶ - Истифодабарии замин ва хоҷагии ҷангал;
ИП - Истифодабарии партобҳо;
АЭ - Энергияи алтернативӣ.

<u>Соҳаҳои чорабиниҳо оиди мувофиққунонӣ бо тағйирёбии иқлим ва бартараф (пасттар) гардонидани оқибатҳои нохуши он:</u>

ОР - Обҳои рӯизаминӣ;
ЗЗ - Захираҳои замин ва ҷараёнҳои биёбоншавӣ;
СК - Соҳаи кишоварзӣ;
ХО - Хоҷагии об;
ГЭ - Гидроэнергетика;
ЭКО - Системаҳои экологӣ;
ИН - Инфраструктураҳои нақлиёт;
СА - Саломатии аҳолӣ;
ПТГ - Падидаҳои табиии гидрометеорологӣ.